Идоракунӣ ҳамчун илм дар асри XX дар ИМА ба вуҷуд омадааст. Асосгузори ин илми ҷадид муҳандис ва тадқиқотчии амрикоӣ Ф. Тейлор (1856-1915) мебошад. Вобаста ба идоракунӣ иқтисодчиён менеҷментро ба аслан ба ду модел ҷудо менамоянд:

- Модели амрикоии менеҷмент;
- Модели ҷопони менеҷмент;



*Лекин бо гузашти айём зарурати пайдоиши модели нав ба миён омад, ки ин моделро бо номи модели аврупоӣ унвонгузорӣ намуданд. Аз сабаби оне, ки Аврупо ва Амрико аз ҷиҳати фарҳангу маданият бо ҳам дар робитаи зич қарор доранд, модели аврупоии менеҷмент ба модели амрикоии менеҷмен ҳафрадиф мебошад. Ҳоло дар алоҳидагӣ баъзе хусусиятҳои моделҳои менеҷментро дида мебароем…*



## Модели амрикоии менеҷмент:

Ин соҳаи менеҷмент дар қабули қонуну қарорҳо мустақил буда, ба фикру ақидаҳои кормандону дигар ашхоси дар ташкилот буда аҳамият намедиҳад, яъне мувофиқи хостаи худ амал намуда ба тахассусу касбияти онҳо аҳамият намедиҳад. Мақсади асосии ин соҳаи менеҷмент бештар ба гирифтани даромад равона шудааст…



# Модели ҷопонии менеҷмент



Менеҷменти ҷопонӣ дар даҳсолаҳои охири асри XX мамлакатро ба кишвари пешрафтаи ҷаҳонӣ ва асри XX1 бошад дар ҷаҳон ба довталаби ҷои аввал бар овард. Бинобар ин омӯхтан ва паҳлӯҳои алоҳидаи ин мӯъҷизаро дар амалияи худ истифода бурдан амри зарурист…

Ин соҳаи менеҷмент ҳангоми қабули қарорҳо ба фикри дигарон (коллектив)гӯш дода, фикри беҳтаринро интихоб ва фаъолият менамояд, яъне ҳангоми ба кор даъват намудани шахсон бештар ба тахассусу касбияти онҳо аҳамият медиҳад. Чун ки пайравони ин модел ба он ақидаанд, ки ашхоси ихтисосманд нисбат ба дигар афрод фаъолияти кориашро хубтар иҷро менамоянд…

## Модели аврупоии менеҷмент:

Модели аврупоии ё идоракунии аврупоӣ аз амрикоӣ каме фарқ дорад. Чихеле, ки дар боло дарҷ гардид сабаби ин ҳамфарҳанг будани Аврупою Амрико мебошад. Дар Аврупо чун Амрико нақши асосиро дар иқтисодиёт корхонаҳои хурду миёна мебозанд, ки ин бо баъзе хусусиятҳои идоракунии аврупоӣ вобаста аст...

Модели аврупоӣ барои идоракунии самаранок шартҳои заруриро муайян мекунад:



- *Муносибати мусбии роҳбар (боварӣ ба тобеон ва ҳавасмандгардони барои ба даст овардани муваффақият);*
- *Оҳанги дурустинтихобшуда (шароити иртибот (коммуникатсия) байни роҳбару кормандон);*
- *Интихоби лаҳзаи дурусти таъсиррасонӣ...*



*Дар охир хулоса баровардан лозим, ки дар замони имрӯза истифода намудани қисме аз ақидаҳои пайравони модели ҷопонӣ ва қисми дигаре аз модели амрикоӣ зарӯрӣ буда, ба фикри мо ин ба пешрафти корхона ва гирифтани фоидаи зиёд мусоидат хоҳад намуд…*

